Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 19 (4759) | ҶУМЪА, 9 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## НОМАИ ШОДБОШӢ



**8-уми феврали соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон муҳтарам Илҳом Алиев номаи шодбошӣ ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

**«Муҳтарам Илҳом Ҳайдарович!**

Шуморо дар робита ба пирӯзии эътимодбахшатон дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон сидқан табрик мегӯям. Лутфан, таманниёти беҳтарини маро ба ин муносибат қабул фармоед.

Интихоби дигарбораи Шумо ба ин маснади олии давлатии Озарбойҷони бародар боз як далели равшани боварии баланди ҷомеаи Озарбойҷон ба Шумо ва дастгирии васеи он аз роҳи стратегии Шумо мебошад, ки ба рушди пайвастаи иҷтимоию иқтисодии кишвар ва ҳамзамон, таҳкими нуфузу эътибори он дар арсаи байналмилалӣ нигаронда шудааст.

Зимни таъкиди саҳми назарраси шахсии Шумо дар таҳкиму таъмиқи муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои судманди Тоҷикистону Озарбойҷон алоқамандии ҷониби моро ба рушди ҳамаҷонибаи минбаъдаи онҳо изҳор менамоям. Итминон дорам, ки мо дар оянда низ дар баробари пешбурди муносибатҳои гуногунҷанбаи ҳар ду кишвар ҷиҳати ғанӣ гардондани онҳо бо мазмуну муҳтавои нави амалӣ ба нафъи мардумонамон саъю кӯшишҳои муштарак анҷом хоҳем дод.

Ба Шумо, Илҳом Ҳайдаровичи гиромӣ, сиҳатии бардавом ва дар татбиқи тамоми нақшаҳоятон комёбиҳои нави бузург, ба мардуми бародари Озарбойҷон сулҳу некуаҳволӣ ва шукуфоии пойдор орзумандам».

## СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНӢ

**8-уми феврали соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон муҳтарам Илҳом Алиев телефонӣ суҳбат намуданд.**

Зимни суҳбат Пешвои миллат бо таманниёти саломатӣ, некуаҳволӣ ва комёбиҳои нави бузург дар фаъолияти давлатӣ муҳтарам Илҳом Алиевро бо натиҷаҳои муваффақи интихоботи президентӣ ва аз нав интихоб шудан ба мақоми олии давлатии Ҷумҳурии Озарбойҷон самимона табрик намуданд.

Ҷонибҳо, инчунин, вазъ ва дурнамои муносибатҳои дӯстӣ ва шарикии Тоҷикистону Озарбойҷонро баррасӣ намуданд. Ҷараёни устувори рушду тавсеа ва таъмиқи муносибатҳои байнидавлатӣ ва тамоми маҷмӯи ҳамкориҳои гуногунҷанбаи ҳар ду давлат низ зикр карда шуд.

Дар ин замина, президентҳо ба идома додани муколамаи фаъоли сиёсӣ ва кори муштарак дар самти таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои судманди Тоҷикистону Озарбойҷон ва ғанӣ гардондани он бо мазмуни нави амалӣ омодагии худро таъкид доштанд.

Доир ба барномаи тамосҳоиояндаи дуҷониба ва бисёрҷонибаи тарафҳо табодули афкор анҷом дода шуд.

Дар анҷоми суҳбат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми бародари Озарбойҷон сулҳу субот ва шукуфоии пойдор орзу намуданд.

**www.prezident.tj**

## МУЛОҚОТИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БО КВОН ДОНГСОК

**7-уми феврали соли 2024 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Корея дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Квон Донгсок бо хоҳиши ӯ мулоқот анҷом доданд.**

Дар мулоқот ҳолати кунунӣ ва дурнамои ҳамкорӣ байни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва Ҷумҳурии Корея мавриди музокира қарор дода шуд.

Раиси шаҳри Душанбе Квон Донгсокро ба муносибати оғоз гардидани фаъолияти дипломатиаш дар Тоҷикистон самимона табрику таҳният гуфта, иброз доштанд, ки сафир бо талошу фаъолияти самарабахш ҷиҳати такони тоза бахшидан ба муносибатҳои шарикии давлатҳо дар арсаҳои гуногуни ҳамкорӣ саҳми арзанда мегузорад.

Ҷонибҳо ба рушди ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ аҳамияти аввалиндараҷа дода, таъкид намуданд, ки Корея ва Тоҷикистон дорои имконият ва захираҳои фаровони ҳамкориҳои гуногунҷанба мебошанд. Давоми солҳои баркарории муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Корея ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар соҳаҳои гуногун амалӣ шудаанд.

Иштирокчиёни мулоқот ҳавасмандиашонро ҷиҳати рушду густариши бештари ҳамкорӣ байни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва Ҷумҳурии Корея, аз ҷумла дар соҳаҳои инфрасохтори шаҳрдорӣ, рақамикунонии соҳаҳои муҳими шаҳрдорӣ, рушди муносибатҳои фарҳангию гуманитарӣ ва ҷалби бештари сармоягузорон вобаста ба бунёди корхонаҳои муштарак, таъкид намуданд.



## ВОХӮРИИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БО МУБОРАК ИБНИ АБДУРАҲМОН АЛ-НАСР







**Ҳафтуми феврали соли 2024 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ сафири фавқулода ва мухтори Давлати Қатар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Муборак ибни Абдураҳмон Ал-Насрро бо хоҳиши ӯ ба ҳузур пазируфтанд.**

Муҳтарам Рустами Эмомалӣ нахуст сафирро ба муносибати ба ин вазифа таъйин гардидан табрик гуфта, дар пешбурди рисолати дипломатӣ ба ӯ комёбӣ орзу намуданд.

Ҷонибҳо аз сатҳи имрӯзаи муносибатҳо байни Тоҷикистон ва Қатар ҳам дар шакли дуҷониба ва ҳам дар қолаби минтақавӣ изҳори қаноатмандӣ намуданд. Таъкид шуд, ки дар натиҷаи муколамаи сиёсии сатҳи олӣ муносибатҳои судманд мунтазам рушд ёфта, заминаи ҳуқуқии робитаҳои ҳар ду давлати бо ҳам дӯст таҳким меёбанд.

Зимни мулоқот ҷонибҳо вазъи ҳамкориҳо дар соҳаҳои сиёсию иқтисодӣ, тиҷоратию сармоягузорӣ ва фарҳангию башарӣ, аз ҷумла афзоиши ҳаҷми мубодилаи мол, тавсеаи сохтори тиҷорати мутақобила ва ҷалби бештари сармоягузорони Қатарро ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор доданд.

Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба ҷониби Қатар барои дар сатҳи баланд баргузор намудани мусобиқаи Ҷоми Осиё - 2023 оид ба футбол, инчунин, пазироии самимӣ ва ташкили шароити мусоид ба дастаи мунтахаби Тоҷикистон оид ба футбол изҳори сипос намуданд.

Дар мулоқот, ҳамчунин, атрофи вазъи сиёсии минтақа ва ҷаҳон, ҳамкориҳои давлатҳо дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналмилалию минтақавӣ мубодилаи афкор анҷом дода шуд.

**АМИТ «Ховар»**

2024 – «Соли маърифати ҳуқуқӣ»

## ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ - ТАҚОЗОИ ЗАМОН

**Паёмҳои ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати бузургу раҳнамунсози фарзонамарди миллатро дар миқёси ҷумҳурӣ ва арсаи ҷаҳонӣ таҷассум менамоянд. Дар Паёми навбатӣ низ самтҳои асосии ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии кишвар муайян гардида, дастуру супоришҳои Роҳбари давлат ҳар як фарди соҳибватанро ба иҷрои ҳадафҳои созанда ҳидоят месозанд.**

Нуктаҳои Паём, дар маҷмӯъ, ба баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии сокинони мамлакат, таъмини сулҳу субот ва амнияти кишвар мусоидат хоҳанд кард, ки бе чунин ҳадафҳои асосӣ таҳкими давлатдорӣ ва якпорчагии Тоҷикистони маҳбубро тасаввур кардан ғайриимкон аст. Аз ҷумла, Роҳбари давлат вазифаҳои азиму масъулиятнокро баробари ба дигар масъулону мутасаддиёни соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи кишвар вогузор намудан, ҳамзамон, бар дӯши мо, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ гузошта, дар самти таъмини волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва дар мубориза алайҳи ҳама гуна қонунвайронкуниҳо дастуру супоришҳои мушаххас доданд. Чунончи, Пешвои миллат таъкид намуданд, ки «тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бояд ҳамаи захираву имкониятҳоро ҷиҳати иҷрои вазифаҳои зикршуда барои соли 2024, ки сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил мегардад, сафарбар намоянд».

Ин санаи фархунда, агарчанде ҷашни кулли шаҳрвандони мамлакат маҳсуб меёбад, вале барои мо, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҷашни махсус ба шумор меравад. Чуноне ки Роҳбари давлат таъкид намуданд, «Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишварро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад. Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем». Таъкид кардан бамаврид аст, ки Конститутсия асосу манбаи ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ буда, дар амал татбиқ намудани талаботи ҳар як фаслу боб ва бандҳои алоҳидаи он бо фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бевосита алоқаманд мебошад. Боиси ифтихор аст, ки Роҳбари давлат дар робита ба ҷашнгирии сисолагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуданд, ки соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад.

Дарвоқеъ, мунтазам баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар шароити кунунӣ, ки вазъи сиёсии минтақа ва ҷаҳон торафт мураккаб мешавад, хеле муҳим буда, саравал аз кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот ва мудофиа донишу таҷриба ва малакаю маҳорати баланди касбиро тақозо менамояд. Бо назардошти ҳамин зарурат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин вазифаи қатъӣ ба



миён гузоштанд: «Вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла торафт шиддат гирифтани раванди азнавтақсимкунии дунё, яроқнокшавии бошитоб, «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои муосир - терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ, моро водор месозад, ки барои таъмин намудани амнияти мудофиавии кишварамон тадбирҳои иловагӣ андешем».

Мусаллам аст, ки мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» тамоми соҳаҳои хоҷагии халқро фаро гирифта, ба тарбияи инсони ҳамаҷониба инкишофёфта равона карда шудааст, ки ӯ тавонад бо донишҳои замонавии азбаркардааш ҳуқуқҳои худро дар ҳама ҳолат ҳифз намояд. Барои ноил гаштан ба ин ҳадафи ватандӯстона саъю талошҳои дастаҷамъонаи ҳамаи табақаҳои аҳолӣ шарту муҳим аст. Дар робита ба ин мавзуъ, дар Паём ба рушди сармояи инсонӣ ҳамчун калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарин ҷиҳати таъмин намуданиояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа таваҷҷуҳ зоҳир гаштааст. Пешвои миллат омилҳои асосии ба рушди сармояи инсонӣ мусоидаткунандаро номбар карда, ҷиҳати омӯзондани касбҳои коргарӣ, саросар соҳибкасб гардондани аҳолии мамлакат, ҳар чӣ бештар дар дохили кишвар бо ҷойи кори доимӣ таъмин намудани шаҳрвандон ва роҷеъ ба иҷрои дигар вазифаҳои муҳиму аввалиндараҷа ба роҳбарону мутасаддиёни идораю вазоратҳои дахлдор дастуру супоришҳо доданд. Пешвои миллат дар Паёми навбатӣ низ дар доираи рушди сармояи инсонӣ, бахусус ба нақши занон дар пойдории сулҳу субот, ҳифзи арзишҳои миллию фарҳангӣ, дар ниҳоди фарзандон тарбия намудани ҳисси баланди ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, инсондӯстию масъулиятшиносӣ, инчунин, пешгирӣ кардани омилҳои номатлуби иҷтимоӣ баҳои баланд доданд.

Дар Паём, ҳамчунин, ғамхорӣ нисбат ба ҷавонон, ки шумораи бештари аҳолии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд, ҳалли мушкилоти онҳо ва истифодаи дурусти ин захираи сармояи инсонӣ барои пешрафту ободии Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеа таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид. Барҳақ, ҷавонон дар ҳама давру замон ба ҳайси қувваи пешбарандаи ҷомеа, неруи тавоноиояндасоз ва ифтихори давлату миллат шинохта шудаанд. Аз ин ваҷҳ, бесабаб нест, ки Пешвои миллат аз насли ҷавон ҳамчун пояи устувори давлату миллат, қувваи пешбарандаи ҷомеа ва захираи стратегии рушди мамлакат ёдовар мешаванд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон махсус хотирнишон намуданд, ки ҳоло дар кишвар барномаи нави таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ барои солҳои 2020-2030 амалӣ шуда истодааст. Дар доираи ин мавзуъ мо, кормандони соҳаи ҳифзи ҳуқуқ, барнома ва нақшаи чорабиниҳои худро оид ба муносибат бо табақаҳои гуногуни аҳолӣ, тақвияти корҳои оммафаҳмонӣ, назорати иҷрои қонуниятро тартиб дода, дар ин самт фаъолияти ҳамарӯзаамонро ҷоннок менамоем, зеро назар ба таъкиди Роҳбари давлат дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, таъмини волоияти қонун дар низоми ҳуқуқии кишвар нақши калидӣ дошта, меҳвари фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб мераванд.

Мо, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот, ба ҳар нуктаи Паём арҷ гузошта, Ҳукумати ҷумҳурӣ, шахсан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бовар мекунонем, ки фаъолияти касбии худро пайваста таҳким бахшида, дар ҳимояи арзишҳои миллӣ, манфиатҳои давлату миллат, ободии Ватани азиз ва рушди кишвари соҳибихтиёрамон нақши муассир мегузорем.

**Сафаралӣ НУРАЛИЗОДА,**
**прокурори калони раёсати назорати умумии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири адлияи дараҷаи I**

Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ФОҶИА ОҚИБАТИ БЕТАВАҶҶУҲИЮ ФОРИҒБОЛИСТ

## АРЗЁБИИ ВАЗЪИ СИЁСӢ-МАФКУРАВӢ ВА ГЕОПОЛИТИКӢ ДАР ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ҳамасола як бахши муҳими Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба арзёбии масоили сиёсӣ-мафкуравӣ ва авзои геополитикии минтақаю ҷаҳон ихтисос меёбад ва Сарвари давлат аснои матраҳ ҳатман ба вазъи мураккаби сиёсӣ ва вуҷуду ҳузури таҳдиду хатарҳо дар заминаи саҳнасозиҳои сиёсию барҳӯрдҳои тамаддунӣ таваққуф мекунанд.**

Ба ин тартиб, аз тариқи гӯшзад кардани авзои ҳассоси минтақаю ҷаҳон Сарвари давлат дастгоҳҳои марбутаи давлатӣ, фаъолони иҷтимоӣ ва ҷомеаи маданиро ба бозшиносии равандҳои муосири сиёсию иҷтимоӣ даъват намуда, дар баробари таҳдиду хатарҳо муташаккилона истодагарӣ намуданро тақозо мекунанд. Албатта, дар шароити феълии тавсеа ёфтани майдони густариши барҳӯрдҳои сиёсию тамаддунӣ ба сарнавишти давлату миллат бетафовут будан гуноҳест кабира. Аз тарафи дигар, бозиҳою саҳнасозиҳои имрӯзӣ, ки дар қолиби пружаҳои гуногун рӯйи кор омада, давлат ва ҷомеаҳои камзарфиятро аз масири рушду тараққӣ мунҳариф месозанд, оқибатҳои ногувореро дар пай дорад. Бинобар ин, ташхису шиносоии мушкилоти фикрию ҳувиятӣ ва бозшиносии равандҳои муосири иҷтимоию сиёсӣ ба муқтазои табиати инсонӣ дар шароити феълӣ мубаддал гардидааст.

Зимни баррасии вазъи маориф Сарвари давлат мавзуоти сиёсӣ-мафкуравиро, ки дар шаклгирию тавсеаи авзои геополитикӣ нақши муассир доранд, пайгирӣ намуда, баъзе масъалаҳои дахлдорро бозгӯ сохтанд. Аз ҷумла, масъалаи дар авлавияти сиёсати давлатӣ қарор доштани соҳаи маорифи ватанӣ, ки самти мафкурасоз маҳсуб меёбад, ҳадафмандона таъкид гардид.

Мусаллам аст, ки таваҷҷуҳи асосӣ ба шахси омӯзгор, ки субъекти асосии раванди маорифи мамлакат маҳсуб ёфта, дар айни замон, шахсияти мафкурасоз ба шумор меравад, дар раъси тамоми суханрониҳои Сарвари давлат қарор дорад. Дар Паёми қаблӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз вазъи мафкурасозӣ, раванди давлатдории миллӣ ва пайванди мундариҷавии маорифи ватанӣ бо амнияти миллӣ сухан ба миён оварда, мактабро минҳайси институти мафкурасозии миллӣ ва шахси омӯзгорро фарди мафкурасоз талаққӣ намуда, таъкид карда буданд: «Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф намуда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем. Зеро агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад».

Бо таваҷҷуҳ ба вазъи маорифи ватанӣ ва авзои зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза Сарвари давлат масъалаи роҳандозӣ намудани барномаи тарбияи кадрҳои миллӣ-омӯзгориро, ки на танҳо ба боло бурдани сатҳи маърифату ҷаҳонбинӣ, балки тақвияти тафаккуру шуури миллии насли наврасу ҷавон мусоидат мекунад, матраҳ карда, аз ҷумла, тазаккур доданд, ки низоми маорифи муназзам, мустаҳкам ва дар айни замон ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни ҷомеа кафили сулҳу субот ва амнияту осоиши миллат аст. Дар шароити феълӣ омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, таваҷҷуҳ ба омӯзиши илмҳои табиӣ-риёзӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф маҳсуб меёбад. Ҳамчунин, эътибори аввалиндараҷа зоҳир кардан ба масъалаҳои аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузарондани омӯзгорон, рушди таҳсилоти иловагӣ, тақвияти мақоми омӯзгор дар ҷомеа, ҷалби бештари хонандагону омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонии соҳаи маориф, омода кардани омӯзгорон ва таҷдиди назар кардани стандартҳои касбӣ барои омӯзгорон, нозирон ва такмили муносибати босалоҳият ба таълим ба унвони масоили ҷавҳарӣ дар Паём садо доданд.

Ҳангоми баррасии масоили фарҳанги миллӣ Роҳбари давлат ба таври худогоҳ аз масири воқеиёти имрӯзӣ ва барҳӯрдҳои тамаддунӣ гузар карда, ҳифзи ёдгориҳои таърихию фарҳангиро вазифаи аввалиндараҷаи ниҳодҳои зиддахли давлатӣ арзёбӣ намуданд. Ин нукта ҳам мусаллам аст, ки Сарвари давлат дар тамоми суханрониҳо, аз ҷумла дар доираи паёмҳояшон ба гиромидошти таъриху фарҳанги миллӣ махсус таваҷҷуҳ менамоянд. Ба ин маъно, дар доираи Паёми навбатӣ масъалаи ҳифзи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ матраҳ гардида, дар ин замина таъкид шудааст, ки соли 2023-юм 15 ёдгории таърихию фарҳангии тоҷикон ба Феҳристи фарҳанги моддӣ ва ғайримоддии ЮНЕСКО ворид гардид. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба зарурати ҳифзи ёдгориҳои таърихию маданӣ таъкид намуда, пешниҳод карданд, ки дар назди Ҳукумати мамлакат сохтори алоҳида - Агентии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ таъсис дода шавад. Таъсиси чунин ниҳоди зарурӣ як иқдоми муҳиму саривақтиест дар роҳи таҳкиму тақвияти ҳувияти тоҷикӣ ва манофеи миллӣ.

Дар бахше аз Паём Сарвари давлат мушаххасан ба вазъи мураккаби сиёсӣ, танишу печишҳои мафкуравӣ, ҷангу даргириҳои динӣ-мазҳабӣ ва барҳӯрдҳои тамаддунию геополитикӣ, ки ба авзои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию мадании мо ҳам бетаъсир нестанд, таваҷҷуҳ намуда, тазаккур доданд, ки: «Вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла торафт шиддат гирифтани раванди азнавтақсимкунии дунё, яроқнокшавии бошитоб, «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои муосир - терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ моро водор месозад, ки барои таъмин намудани амнияти мудофиавии кишварамон тадбирҳои иловагӣ андешем. Бо беҳтарин шароити зиндагиву хизмат таъмин намудани хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, омода кардани кадрҳои баландихтисос, такмил додани дониши тахассусӣ ва сатҳи касбияти ҳайати шахсии ҷузъу томҳо, боз ҳам баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносӣ ва ватандӯстиву ватанпарастии афсарону сарбозон аз қабили ин тадбирҳо мебошанд». Дарвоқеъ, шароити муосири сиёсию геополитикӣ тақозо мекунад, ки давлат дар заминаи аз лиҳози ҳарбӣ-низомӣ, фаннӣ-техникӣ, моддӣ-маишӣ, руҳӣ-равонӣ ва миллӣ-ҳувиятӣ неруманд сохтани мақомоти интизомию амниятии худ чораҳои зарурӣ андешад. Ин аст, ки Сарвари давлат дар ин замина пешниҳодоти зарурӣ ироа доштанд.

Маълум аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бар мабнои сиёсати «дарҳои боз» солҳост самти сиёсати хориҷии худро таҳкиму тақвият мебахшад. Ин ба он маъност, ки давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳамкорию ҳамшарикӣ дари худро барои тамоми кишварҳои дӯст боз нигоҳ медорад. Ин нукта дар Паёми навбатӣ низ ҳамчун мавқеи расмии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кушоду равшан ифода ёфт: «Кишвари мо ба сифати авлавияти сиёсати хориҷии худ минбаъд низ ба густариши муносибатҳои дӯстона ва ҳусни ҳамҷаворӣ бо давлатҳои Осиёи Марказӣ дар заминаи эҳтирому эътимоди мутақобила таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекунад. Дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон таҳким ва тавсеаи муносибатҳои дуҷонибаву бисёрҷониба бо кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, инчунин, дигар шарикони анъанавӣ аз минтақаҳои Осиё, Аврупо ва Амрико ҷойгоҳи хоса дорад. Чунин рӯйкарди ба оянда нигаронидашуда асоси сиёсати «дарҳои кушода»-и Тоҷикистонро ташкил медиҳад... Ҳамкории Тоҷикистон бо ҳамаи созмонҳои бонуфузи байналмилалию минтақавӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони ҳамкории исломӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони аҳднномаи амнияти дастаҷамъӣ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ва ниҳодҳои дигар, ба фароҳамсозии шароит ва имконот барои тақвияти мавқеи кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ ва иштироки фаъоли он дар равандҳои глобалӣ ва барномаву заминаҳои мухталиф равона гардидааст». Аммо сиёсати «дарҳои боз», ҳаргиз маънои онро надорад, ки давлат бар мабнои сиёсати мусолиматомези хориҷии худ дар баробари таҳоҷуми сиёсию мафкуравӣ ва фишорҳои гуногуни маданӣ сукут меварзад. Баръакс, давлат бо истифода аз барномарезиҳои гуногуни сиёсӣ, мафкуравӣ, низомӣ, амниятӣ, илмӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ дар баробари таҳоҷуму таҳдидҳо қоим мешавад ва аз манофеи миллӣ-давлатӣ дифоъ мекунад. Бинобар ин, ҳифзу нигаҳдошти марзу буми давлатӣ, сарватҳои табиӣ, забону фарҳанги тоҷикӣ, ки дар феҳристи манофеи миллӣ қарор доранд, вазифа ва рисолати ҳар фарди баномуси миллат аст. Ба ин манзур, дар бахши ҷамъбастӣ-хотимавии Паём Сарвари давлат раҳбарияти мақомоти давлатӣ, хизматчиёни ҳарбӣ, ҷомеаи маданӣ ва зиёиёни ватаниро мухотаб қарор дода, таваҷҷуҳи онҳоро ба ҳалли мушкилоту навоқиси ҷойдошта ва муҳимтар аз ҳама, авзои мураккаби сиёсӣ-геополитикии минтақавию ҷаҳонӣ равона сохта, дар ин замина фармуданд: «Дар баробари комёбиҳо имрӯз мушкилоту масъалаҳои ҳалталаби ҳаёти ҷомеа ва давлат, инчунин, вазифаҳо барои ҳаллу фасли онҳо муайян ва мушаххас карда шуданд. Таъкид менамоям, ки бартараф кардани камбудиҳои мавҷуда ва ҳалли мушкилоти ҷойдошта, қабл аз ҳама, вазифаи ҷонии ҳар як роҳбар – аъзои Ҳукумат, Маҷлиси миллӣ, вакилони Маҷлиси намояндагон, раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, роҳбарони сохтору мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, хизматчиёни давлатӣ, аҳли зиё, фаъолон ва тамоми мардуми шарифи кишвар мебошад.

Ҳамаи мо вазифадорем, ки дар шароити ниҳоят ҳассос ва ноорому пуртаҳаввули ҷаҳони имрӯза ва афзоиши таҳдиду хатарҳои муосир ба истиқлолу озодӣ, суботи сиёсӣ ва амнияти ҷомеаи башарӣ беш аз ҳар вақти дигар босабру таҳаммул ва муттаҳиду сарҷамъ бошем, тамоми саъю талоши худро ба хотири ҳимояи арзишҳои миллӣ, ҳифзи манфиатҳои давлату миллат, ободии Ватани азизамон ва рушди кишвари соҳибихтиёрамон равона созем». Воқеан, авзои имрӯзаи минтақавию ҷаҳонӣ, ки усулан бар мабнои барҳӯрдҳои сиёсию тамаддунӣ ва саҳнасозиҳои мафкуравӣ-геополитикӣ шакл гирифтаю мегирад, сохтору мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи маданиро муваззаф месозад, ки бетавофутию тамошогариро канор гузошта, ба решашиносӣ ва ҳалли мушкилоту уқдаҳои фикрию ақидатию ҳувиятию фарҳангӣ тамаркуз намуда, роҳро барои рушду тараққиёти кишвар ҳамвор кунанд. Махсусан, дар замоне ки суиистифода аз омили дин дар бозиҳои сиёсӣ-геополитикӣ марсуму машрӯъ шудааст, сукут варзидан авоқиби номатлуберо ба дунбол меоварад. Дар ҳоле ки соири саҳнасозони бозиҳои сиёсӣ-мафкуравӣ барои расидан ба аҳдофи геополитикӣ аз эҳсososти динӣ ва боварҳои мазҳабии ҷомеа фаровон истифодаю суиистифода мекунанд, бетафовутию фориғболии блоки сиёсӣ- мафкуравӣ, қишрҳои иҷтимоию маданӣ паёмадҳои номатлуберо дар пай хоҳад дошт.

Ҳанӯз соли 2004 зимни суханронӣ ба муносибати 10-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Роҳбари давлат таъкид карда буданд: «Давлат ҳақ дорад монеи ҳуқуқии ҳар гуна суиистифода аз дин аз ҷониби ҳаракату гурӯҳҳои ифротии дохиливу байналмилалӣ гардад. Бахусус, ки имрӯз фаъолияти харобиовари онҳо хатару таҳдидҳои ҷиддиро ба миён оварда, хусусияти глобалӣ пайдо кардааст… Мо ба хотири оромиву субот, ваҳдати миллӣ, бунёди давлати ягонаву иҷтимоӣ ва таҳкими асосҳои он шароити мусоид фароҳам овардем, то ин ки дар ҷомеаи мо демократия реша давонда, самара диҳад». Дар сурате ки таҳдиду хатарҳо даҳҳо маротиба зиёдтару шиддатноктар аз ибтидои солҳои дуҳазорум шудаанд, бетаваҷҷуҳу фориғбол будани институтҳои сиёсӣ-мафкуравӣ ва ҷомеаи илмию маданӣ ба авзои ҳассоси имрӯзӣ авоқиби фоҷиаборе хоҳад дошт. Гузашта аз ин, танҳо аз тариқи таҳияву роҳандозии барномарезиҳои алтернативии ба талаботи замон ҷавобгӯ мо метавонем аз ташаннуҷи хурофоту таассуб ва ҳамзамон, ноҷурии авзоъ дар минтақа ҷилавгирӣ намуда, раванди нармиши иҷтимоӣ, ҳамзистии ақидатӣ, муколимаю гуфтугӯи тамаддунӣ, ҳамгироӣ ва ваҳдати миллию мардумиро таҳкиму тақвият бахшем.

**Нозим НУРОВ,**
**ходими илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ**




## МАОШИ КОРМАНДОНИ ДОНИШГОҲ 10 ФОИЗ ЗИЁД ШУД

**Дар пайравӣ ба иқдомҳои созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 1-уми январи соли равон аз ҳисоби захираҳои дохилӣ музди меҳнати кормандони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав 10 фоиз зиёд шуд. Дар ин бора ректори донишгоҳ Маҳмадалӣ Қурбонзода зимни нишасти матбуотӣ 2 феврал иттилоъ дод.**



Зикр гардид, ки дар донишгоҳ 439 нафар тибқи квотаи президентӣ таҳсил намуда, 60 фоизи донишҷӯёни таҳсилоти рӯзона идрорпулӣ мегиранд.

Ҷиҳати густариш додани омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ соли таҳсили 2023-2024 дар донишгоҳ 23 гурӯҳи таълимашон бо забони русӣ ва 2 ихтисос дар 4 гурӯҳ таълимашон бо забони англисӣ ба роҳ монда шуд.

Соли таҳсили 2023 донишгоҳро 31 донишҷӯ аз хориҷи кишвар хатм намуда, ҳоло 131 нафар аз ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Туркманистон, Афғонистон ва Федератсияи Россия таҳсил доранд.

Соли 2023 аз ҷониби раёсати донишгоҳ 32 омӯзгору донишҷӯе, ки дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ҷойҳои ифтихориро ишғол намуданд, ба маблағи зиёда аз 140 ҳазор сомонӣ, инчунин, омӯзгороне, ки давоми соли 2023 дараҷа ва унвони илмиро соҳиб гардиданд, 50 ҳазор сомонӣ ва роҳбарони илмии унвонҷӯён ба маблағи 36 ҳазор сомонӣ ҳавасманд шуданд.

**Сулаймон СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**

## 41 ДОНИШҶӮ АЗ ПАРДОХТИ МАБЛАҒ ОЗОД ГАРДИД

**Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон Жило Гулназарзода зимни нишасти матбуотӣ 8-уми феврал иттилоъ дод, ки баҳри татбиқи сиёсати маорифпарваронаи Президенти кишвар яке аз дастовардҳои назаррас таъсиси 21 ихтисоси нави ба талабот ҷавобгӯ дар зинаҳои бакалавриат, магистратура ва докторантура ба ҳисоб меравад.**

Донишгоҳ мутахассисонро аз рӯйи 12 забон ва 40 ихтисос дар зинаи бакалавриат, 11 ихтисос дар зинаи магистратура ва 8 ихтисос дар зинаи докторантура бо касбҳои ба бозори меҳнат рақобатпазир омода менамояд.

Қайд гардид, ки 41 нафар донишҷӯ аз оилаҳои камбизоат, ятим ва имконияташон маҳдудбуда аз пардохти маблағи шартномаи таҳсил озод карда шудааст.

Соли 2023 донишҷӯёни донишгоҳ дар озмунҳои байналмилалии «Маҳорати нутқ»-и забони ҷопонӣ 3 нафар, «Наттоқони забони куриёӣ» - 3, «Пули забони чинӣ» - 1 ва «Забони ҳиндӣ» 7 нафар ҷойҳои ифтихориро гирифта, 48 нафар донишҷӯ барои идомаи таҳсил ба хориҷи кишвар сафарбар гардиданд.



Ҳоло дар донишгоҳ 395 нафар шаҳрванди хориҷӣ аз давлатҳои Ӯзбекистон, Туркманистон, Қирғизистон, Афғонистон ва Арабистони Саудӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

**Фархунда АБДУЛҲАКИМОВА, «Садои мардум»**

## МАРКАЗИ НОҲИЯ БО ОБИ НӮШОКӢ ТАЪМИН МЕГАРДАД

**5-уми феврал дар нишасти матбуотӣ раиси ноҳияи Деваштич Ашӯралӣ Ҷалилзода ба саволи хабарнигори рӯзномаи «Садои мардум» оид ба таъмин намудани аҳолӣ бо оби нӯшокӣ посух дод, ки то моҳи марти соли равон маркази ноҳия пурра бо оби нӯшокӣ таъмин мегардад.**



Бо ин мақсад 2 чоҳи амудӣ дар маркази ноҳия кофта шудааст. Ҳамчунин, 23 деҳаи ҳудуди ноҳия бо кумаки аҳолӣ ва соҳибкорони саховатпеша бо оби нӯшокӣ таъмин гардиданд.

**Комрони АСЛОН, «Садои мардум»**

## ТЕЪДОДИ ДОВТАЛАБОН КАМ ШУДААСТ



**6-уми феврал зимни нишасти матбуотӣ директори Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сабзаалӣ Ҷаъфарзода кам гардидани теъдоди хатмкунандагони синфҳои 11-ро сабаби асосии коҳиши теъдоди довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ арзёбӣ намуд.**

Шумораи хатмкунандагони синфи 11 дар соли ҳисоботӣ 105 ҳазору 839 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2022-юм 13 ҳазору 853 нафар камтар аст. Аз ин шумора, дар давраи асосии бақайдгирӣ ҳамагӣ 68 ҳазору 675 нафар (64,89 фоиз) барои иштирок дар ИМД-2023 худро номнавис кардаанд.

Ҳамзамон, дар асоси «Тартиби гузарондани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 29-уми апрели соли 2023 дар таҳрири нав тасдиқ гардид, бақайдгирии довталабон барои иштирок дар имтиҳонҳои мазкур дар 4 давра роҳандозӣ гардид.

**Мирзо РУСТАМЗОДА, «Садои мардум»**

## 87 ОМӮЗГОР АЗ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ГУЗАШТАНД

**2-юми феврал дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ нишасти матбуотӣ доир гардид. Ректори донишгоҳ Дилшод Раҳмон қайд кард, ки соли гузашта дар Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон - Ватани азизи ман» Фазлиддин Одинаев, корманди бахши фарҳанги донишгоҳ, соҳиби шоҳҷоиза ва 50 ҳазор сомонӣ ва Моҳбибӣ Қаландарбекова, донишҷӯи соли 4-уми факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг, сазовори диплом гардиданд.**

Инчунин, дар Озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» 9 устоду донишҷӯи донишгоҳ иштирок намуда, 2 нафар - Азизмад Мадасанӣ, магистранти курси якуми ихтисоси география, сазовори ҷойи якум ва Насиба Мирзозода, донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси география, сазовори ҷойи дуюм шуданд.



Бо фармоиши ректори донишгоҳ донишҷӯён, магистрантон ва докторантоне, ки дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ иштирок намуданд, қадршиносӣ гардиданд.

Соли 2023 омӯзгор Низомиддин Комилов дар 8-умин Озмуни байналмилалии «Беҳтарин олимони ҷавони ИДМ - 2023» иштирок намуда, бо медал ва диплом сарфароз гардид.

Хабарнигори рӯзномаи «Садои мардум» аз роҳбарияти донишгоҳ пурсон шуд, ки соли гузашта чанд омӯзгори донишгоҳ аз курсҳои такмили ихтисос гузаштанд? «Дар доираи ҳамкорӣ бо Донишгоҳи давлатии педагогии Алтайи Федератсияи Россия 5 маротиба намояндагони донишгоҳи мазкур ташриф оварданд. Дар ин замина 87 омӯзгори ихтисосҳои забони русӣ, психология, математика ва физика аз курси такмили ихтисос гузаштанд ва соҳиби диплом гардиданд», - иттилоъ дод ректор.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

## ИНВЕНТАРИЗАТСИЯИ ЗАМИН ГУЗАРОНДА МЕШАВАД

**Дар нишасти матбуотӣ (7 феврал) раиси шаҳри Ҳисор Қосим Роҳбар иттилоъ дод, ки нақшаи қисми даромади буҷети шаҳр ба 100,9 фоиз расонда шуд, ки аз нақшаи пешбинишуда 2,8 миллион сомонӣ зиёд аст. Дар ин давра суръати рушди ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои муқоисавӣ 107 фоизро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, саноати коркард - 106,3, тақсимоти неруи барқ -112,9 ва рушди саноати истихроҷи маъдан ба 81,4 фоиз расонда шуд. Барои татбиқи саноатикунонии босуръат 3 корхона, аз ҷумла ҶДММ «Равғани Ҳисор», ҶДММ «Тоҷикавтокараван» ва ҶСК «Пахтаи Ҳисор», ки аз фаъолият бозмонда буданд, баъди воридоти технологияи инноватсионӣ ба фаъолият оғоз намуданд.**

Ҳамчунин, дар ин давра 21 корхонаи нави саноатии хурду миёна ба фаъолият оғоз намуда, барои 206 нафар ҷойи кории нав таъсис дода шуд.

Хабарнигори рӯзнома оиди ғасби замини муассисаҳои таълимӣ, томактабӣ, тандурустӣ ва хоҷагиҳои деҳқонию кишоварзӣ пурсон шуд.

Қосим Роҳбар бо изҳори таассуф дар ҷавоб гуфт, ки чунин қонуншиканиҳо дар ғасби замин ҷой дорад ва барои бартараф кардани он аз ҳисоби кормандону мутахассисони мақомоти дахлдори назоратӣ комиссияи махсус таъсис дода шудааст. Мутаассифона, давоми 23 соли охир инвентаризатсияи замин гузаронда нашудааст ва заминҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ, кишоварзӣ, ташкилоту муассисаҳо, идораю корхонаҳо ва наздиҳавлигии аҳолӣ дар харитаи заминистифодабарӣ бетағйир мондааст. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр тасмим гирифтааст, ки соли 2024 инвентаризатсияи заминро гузаронад.



**Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»**

## 5,5 ҲАЗОР ҶОЙИ НИШАСТ ДАР ЯК СОЛ



**Раиси ноҳияи Фархор Зариф Назирӣ 6-уми феврал зимни нишасти матбуотӣ зикр намуд, ки соли 2023 бо дастгирии соҳибкорони маҳаллӣ дар назди муассисаҳои таълимии ноҳия 5 ҳазору 500 ҷойи нишаст ташкил гардид ва мушкилоти норасоии ҷойи нишаст пурра бартараф карда шуд.**

Айни ҳол дар ноҳия 66 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 4 муассисаи типи нав, 2 литсей, 2 гимназия ва як парваришгоҳи наздимактабӣ фаъолият менамоянд, ки дар онҳо 42 ҳазору 600 хонанда ба таълим фаро гирифта шудаанд. Дар баробари ин, дар ноҳия 10 муассисаи томактабӣ бо фарогирии 785 тарбиятгиранда, 145 гурӯҳи маркази инкишофи кӯдак бо фарогирии 4069 нафар фаъолият менамоянд.

Иттилоъ дода шуд, ки соли 2023 дар ноҳия муассисаҳои таълимӣ ва синфхонаҳои иловагӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии рақамҳои 3, 25, 28, 54 ва синфхонаи иловагӣ дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 56 зимни сафари кории Сарвари давлат Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Фархор мавриди истифода қарор дода шуданд.

- Соли 2023 барои сокинони ноҳия соли хубу хотирмон буд. Дар ин давра дар 12 деҳа ба масофаи 9,51 км роҳҳои маҳаллӣ ба маблағи 6118,6 ҳазор сомонӣ мумфарш, 17,5 км роҳи 13 деҳаи ноҳия ба маблағи 384,9 ҳазор сомонӣ пурра сангфарш ва ҳудуди 5 деҳаи дигар ба масофаи 4,9 км чароғон гардид, - изҳор дошт Зариф Назирӣ.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

## ОҒОЗИ БАНАВОРГИРИИ ФИЛМИ «ДУРАХШИ АХТАРОН: ҶОМӢ ВА НАВОӢ»



**Соли 2023 дар Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» мактаби синамогарони ҷавон «Навомӯз» ба номи Муҳаббат Сатторӣ, шуъбаи филмноманависон ва бахши нақди кино таъсис дода шуд. Ин иқдомҳо бо мақсади тарбияи кадрҳои қобилиятноку лаёқатманд ва ҷалби ҷавонон ба соҳаи синамо, пешниҳоди филмҳои хубу баландмазмун роҳандозӣ гардид. Директори муассиса Маҳмадсаид Шоҳиён дар ин бора зимни нишасти матбуотӣ 6-уми феврал иттилоъ дод.**

Зикр гардид, ки соли гузашта бори аввал тавассути Питчинг (як навъи рӯнамоии лоиҳаҳо) 4 филми ҳунарии пурра, 7 филми мустанад, 2 филми кӯтоҳ ва 2 филми тасвирӣ рӯйи навор оварда шуд. Соли ҷорӣ наворбардории филми муштараки синамогарони Тоҷикистону Ӯзбекистон дар бораи Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ оғоз мегардад. Барои таҳияи филм таҳиягарон аз чанд минтақа дар Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Туркия боздид карданд.

**Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**

Ҷашни меҳру фаровонӣ

# Дилшод РАҲИМӢ:
# «ТОҶИКИСТОН СОҲИБИ ҲАҚИҚИИ ҶАШНҲОИ НАВРӮЗ, МЕҲРГОН ВА САДА АСТ»



**Хонандагони азиз, тавре иттилоъ доред, бо пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми декабри соли 2023 дар Иҷлосияи 18-уми Кумитаи ЮНЕСКО ҷашни Сада ба Феҳристи мероси ғайримоддии башарият ворид шуд. Дар баробари ин, рӯйдоди фараҳбахши дигар таъсиси Намояндагии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Созмони Милали Муттаҳид оид ба масоили маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО) мебошад. Он 12-уми январи соли 2024 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, бо Фармони дигари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 16-уми январи соли 2024 номзади илмҳои филологӣ, фарҳангшинос Дилшод Раҳимӣ Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Созмони Милали Муттаҳид оид ба масоили маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО) таъйин гардид. Ба ин муносибат бо Дилшод Раҳимӣ суҳбат оростем.**

**- Бо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон парлумони кишвар ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» тағйиру илова ворид кард, ки мутобиқи он, ҳамасола 30-юми январ дар ҷумҳурӣ ҷашни Сада таҷлил мегардад.**

- Бале. Ҷашнҳои Наврӯз, Меҳргон ва Садаро ниёгони мо, яъне ақвоми ориёӣ бунёд гузоштаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона кишвар дар ҷаҳон аст, ки ин ҷашнҳоро мақоми давлатӣ дода, чун арзишҳои фарҳангии ниёгони худ дар чорчӯбаи қонун эътироф кардааст. Ин маънои онро дорад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиби ҳақиқии ҷашнҳои Наврӯз, Меҳргон ва Сада аст. лодӣ мебошад. Ғояи асосии ҷашни Сада гиромидошти нуру рӯшноӣ ва гармӣ мебошад. Дар устураҳои бостонӣ омадааст, ки мардум бо афрӯхтани оташ фасли баҳор ва гармию равшаниро даъват мекардаанд. Мақсади мардум аз баргузории он оғоз намудани омодагӣ ба корҳои кишоварзӣ ва боғдорӣ мебошад. Он ба ягон дину мазҳаб тааллуқ надошт ва надорад. Ин ҷашн ёдгорест аз даврони ориёиҳо, ки дар сарчашмаҳои таърихию адабӣ пайдоиши онро ба паҳлавони асотирӣ Ҳушанг нисбат медиҳанд. Аз ҷумла, Абулқосими Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» оид ба бунёд гузоштани ҷашни Сада ҳикоят мекунад, ки боре шоҳ Ҳушанг бо наздиконаш ба шикор меравад ва дар кӯҳсор мори дарозу тирарангро мебинанд. Ҳушанг санги калонеро бардошта ба сӯйи мор мепартояд, мор гурехта меравад, аммо ин санг ба санги дигар бархӯрда шарора меҷаҳад ва хасу хошоки хушк оташ мегирад. Мардум, ки то ин вақт тарзи афрӯхтани оташро намедонистанд, аз ошкор шудани рози оташафрӯзӣ шод шуда, онро неъмати худовандӣ хонданд. Шоҳ Ҳушанг ба шаҳраш баргашта, ин рӯйдодро ҷашн мегирад.

Таҷлили ҷашни Сада дар замони шоҳаншоҳии Сосониёну Сомониён ба авҷи аъло расида буд. Дар даврони салтанати Ғазнавиён, махсусан дар замони ҳукумати султон Масъуди Ғазнавӣ, рӯ ба инқироз овард. Пас аз ҳамлаи муғул ва мухолифати ҳокимони турктабору мутаассибони дин Сада, ки дар меҳвари он оташ қарор дошт, дигар расман таҷлил намешуд. Ҳарчанд аз асрҳои миёна то рӯзгори мо ҷашни мазкур бо номи Сада ёд намешуд, лекин таҷлили он дар байни мардуми заҳматкаш дар шаклҳои гуногун роиҷ буд. Мардумшиносон маросими Хирпичор (дар Бадахшон), Ҳут (дар водии Рашт), чоршанбесурии маъруфро идомаи ҷашни Сада шумурдаанд, ки то имрӯз қисман маъмул мебошанд. Ҳамчунин, сайрҳои зимистона бо номи «сайри мазор» аз шаклҳои тағйирёфтаи ҷашни Сада мебошанд.

- Аз даврони истилои муғул танҳо Наврӯз бо номи худ боқӣ монд, дигар ҷашнҳо, ба монанди Меҳргону Сада ва Тиргон номҳои худро тағйир доданд. Сабаб таъсири ифротии рӯҳониён буд. Ҳукумати шуравӣ иду рӯзҳои таърихии худро ҷашн мегирифт ва ба ҷашнҳои миллӣ зиддият нишон дод. Масалан, Наврӯзро, ки ҷашни сирф табиӣ ва кишоварзон аст, динию феодалӣ хонданд. Маҳз дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷашнҳои миллӣ эҳё шуданд.

**- Баъзе донишмандон бар он назаранд, ки ҷашни Сада баргирифта аз шароити иқлимӣ ва рӯйдодҳои кайҳонӣ аст. Шумо чӣ назар доред?**

- Ҳама ҷашнҳои тоҷикон заминаҳои табиӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ доранд, аз ҷумла Сада. Шояд дар замонҳои қадим ҷанбаҳои динӣ ва эътиқодӣ доштаанд, ки дар тӯли таърих аз байн рафтаанд. Як далели бисёр муҳим он аст, ки дар китоби муқаддаси зардуштиён Авесто аз ин ҷашнҳо ёд намешавад. зеро ҷашнҳои табиӣ буданд ва зардуштиён онҳоро вориди китоби муқаддасашон накардаанд. Дар мавриди этимологияи номи Сада андешаҳо гуногунанд. Машҳуртарин тафсири мардумии он ин аст, ки «сада» аз шумораи сад (100) гирифта шудааст ва он иборат аз панҷоҳ шабу панҷоҳ рӯз будани замони расидани Наврӯзро ифода мекунад. Ҳарчанд Берунӣ ва Гардезӣ онро аз мардум гирифта дар китобҳояшон ҷой додаанд, аммо ақидаи омиёна ва ғалат аст.

Сада, яъне рӯзи садум аз оғози зимистони панҷмоҳа аст. Ин ақида аз бисёр куҳан будани ҷашни Сада дар миёни ориёиҳо шаҳодат медиҳад. Сада ҳарчанд суннати хоси зардуштӣ набошад ҳам, вале марбут ба бузургдошти оташ аст. Зардуштиёни остонҳои Кирмону Язди Эрон ва умуман, зардуштиёни ҷаҳон ин ҷашнро бошукӯҳ таҷлил менамоянд. Дар шаҳри Кирмон то имрӯз суннати мардумии садасӯзӣ барҷо мондааст, ки бахусус деҳқонон чанд рӯз пеш ба ин ҷашн омодагӣ мегиранд. Теппаи ҳезумро, ки баландиаш тақрибан ба 5-6 метр ва қутраш ба 12-14 метр мерасад, гирд меоранд. Замони гулханафрӯзии онҳо ба рӯзи 10-уми баҳманмоҳ ва ҳангоми ғуруби офтоб рост меояд. Дар маросим ҳазорҳо нафар ҷамъ омада, сайругашти оммавӣ барпо менамоянд. Фардои рӯзи садасӯзӣ деҳқонон қадре аз хокистари мондаро чун рамзи баракату фаровонии ҳосил бурда ба заминҳояшон мепошанд. Ин амал маънои поён ёфтани зимистон ва оғози омодагӣ ба мавсими баҳорро ифода мекунад. Аз ин ҷо бармеояд, ки иди Сада рамзи омодагӣ ба киштукори баҳорӣ ва истиқболи Наврӯз мебошад. Ҷашни Сада дар таърих ҷойгоҳи хоса дошта, ҳангоми давлатдории Ашкониён, Сосониён ва Сомониён ботантанаву шукӯҳи тамом истиқбол мегардид. Ба қавли Фаррухӣ (асри XI):

**Сада омад, ки туро мужда**
**диҳад аз Наврӯз,**
**Мужда бипзиру бидеҳ хилъату**
**кораш ба тироз.**

Ҳамин тариқ, ҷашни Сада яке аз ҷашнҳои мавсимию маросимии мардуми ориёитабор, аз ҷумла тоҷикон, буда, ҳамчун рамзи бузургдошти Митра (Меҳр), омодагӣ ба киштукори баҳорӣ ва муждаи Наврӯз таҷлил мегардад. Сада рамзи рафтани нимаи зимистон буда, деҳқононро барои киштукори саҳро омода менамуд. Сада бо гулхани хеш сардиҳои зимистонро бо рӯшноиву гармиҳои баҳор мепайваст ва мардум бесаброна ба пазироии бузургтарин ҷашни баҳор ва истиқболи соли нави аҷдодӣ - Наврӯзи оламафрӯз омода мегаштанд.



**- То замони мо Садаро мардум чӣ гуна таҷлил мекарданд?**

- Моҳияти ҷашни Садаро пирӯзии рӯшноӣ бар торикӣ, гармо бар сармо ва некӣ бар бадӣ ташкил дода, мардум онро бо афрӯхтани гулханҳои бузург таҷлил мекарданд. Он ҳамасола дар рӯзи 10-уми моҳи баҳмани солшумории ҳиҷрии хуршедӣ таҷлил мегардид, ки баробар ба 30-юми январи солшумории ме-

**- То замони Истиқлолияти давлатӣ сокинони мамлакат дар бораи ҷашну суннати миллӣ тасаввуроти кам доштанд. Сабаб чӣ буд?**

**Мусоҳиб Р. ҲАБИБОВ,**
**«Садои мардум»**

# БУНЁДИ БЕМОРХОНА ДАР КОЛЛЕҶИ ТИББӢ

**Дар назар аст, ки то охири соли равон дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Бохтар» беморхонаи хуштарҳу замонавӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода мешавад.**

Дар ин бора директори коллеҷи мазкур Иброҳим Мусозода гуфт, ки беморхона тибқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёд гардида, арзиши умумии иншооти мазкур 10,5 миллион сомониро дар бар мегирад ва аз ҳисоби маблағҳои худи коллеҷ сохта мешавад.

Корҳои сохтмонӣ дар иншоот ҳоло 80 фоиз иҷро гардида, баъди мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтан беш аз 20 нафар мутахассисон бо ҷои кор таъмин хоҳанд шуд.

- Дар таҳхона ва ошёнаи якуми бино марказҳои ташхис ҷойгир карда мешавад. Ошёнаи дуюми беморхона бо 36 кати хоб бо тамоми таҷҳизоти зарурии тиббӣ муҷаҳҳаз хоҳад шуд. Ошёнаи сеюм маркази ҷарроҳӣ бо 22 кати хоб ва чорум ҳамчун ҳуҷраҳои таълимӣ барои донишҷӯён пешбинӣ шудааст. Самти асосии фаъолияти беморхона ба бемориҳои даруна, аз қабили роҳҳои нафас, дилу рагҳо ва меъда равона хоҳад шуд, - гуфт И. Мусозода.

Айни замон дар коллеҷ 3107 нафар донишҷӯён дар чор факултет, аз рӯи шаш ихтисос ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Ҷиҳати бо ҷои кор таъмин гаштани хатмкунандагон Иброҳим Мусозода посух дод, ки ҳамасола гурӯҳҳои корӣ ташкил карда шуда, дар шаҳру ноҳияҳо ин масъаларо меомӯзанд ва тибқи таҳлилҳо аз 62,5 то 68 фоизи хатмкардаҳои коллеҷ бо ҷои кор таъмин мешаванд.

**Сулаймон СУЛТОНОВ,**
**«Садои мардум»**

# РУШДУ НУМӮИ ВАТАН БА ТАШАББУСКОРӢ ВОБАСТА АСТ

**Хеле муддат буд, ки ба дараи овозадори Камаров нарафта будам. Зимни сафари навбатӣ дигаргуниҳои зиёд ба назар расид. Деҳаҳо хеле обод гардида, бунёди хонаҳои замонавӣ симои ин минтақаро тағйир додааст. Назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №7-и деҳаи Шулмак бо омӯзгорони варзида Абдураҳмони Забир ва Нурулло Сайшарифов вохӯрдам, ки дар бораи деҳа ва дастовардҳои мардуми он ҳарф заданд.**

Нурулло Сайшарифов чунин ибрози назар кард:

- Дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷумҳурии азизамон корҳои сохтмонӣ ва навсозӣ бомаром идома дорад. Мактаби созандагию мардонагии Президенти азизамон дар умқи дилҳо меҳри ватандориро илқо намуд. Ин аст, ки фарзандони баруманду саховатпешаи Ватан ҳар яке бо қадри тавоноӣ дар ободии деҳаву шаҳру вилояти худ саҳм мегузоранд. Мисоли инро дар деҳоти ба номи Боқӣ Раҳимзода, хусусан дар деҳаи Шулмак, метавон мушоҳида намуд. Набояд фаромӯш кард, ки ободии кишвар аз маҳалла, кӯча ва деҳа оғоз меёбад. Агар дастаҷамъона амал намоем, метавонем кишварамонро ба Боғи Ирам табдил диҳем.

Аҳли деҳаи мазкур бо роҳбарии собиқ раис Саймаҳмад Замонов, раиси имрӯза Абдуҷаббор Самиев, директори мактаб Исмоил Раҷабов, раиси ҷамоати деҳот Ҳасан Ҳасанов ва шахсони рӯзгордида нақшаи шукуфоии деҳаро тарҳрезӣ намуданд.

Яке аз натиҷаҳо ин аст, ки дар деҳаи Шулмак омӯзгори куҳансол Қосимҷон Қодиров ва фарзандони саховатмандаш дар назди муассисаи таълимии куҳна муассисаи таълимии ҷавобгӯ ба талаботи замони нав, иборат аз ду ошёна, 8 синфхонаи таълимӣ ва 3 утоқи корӣ сохта, бо таҷҳизоти замони муосир таъмин намуданд.

Ҷавонони деҳа бо роҳбарии Аслиддин Шафиев, Зиёратшо Искандаров, Ҷамолиддин Исоев ва Шукрулло Убайдов иншооти варзишӣ-тарбиявии болопӯшида сохтанд. Ин бино барои бозии волейбол, футбол, баскетбол, гӯштин ва варзиши сабук мувофиқ аст.

Бо ташаббуси Камолиддин Исоев «Маркази саломатӣ»-и нав бо 7 ҳуҷраи қабулу кории духтурону беморон қомат афрохт.

Эъмори «Гӯшаи деҳқон» иборат аз 2 таҳхона ва 2 болохона бо ибтикори Мусо Олимов, мағозаи фурӯши ашёи хониш ва лавозимоти мактабӣ бо саҳми раиси деҳа Абдуҷаббор Самиев ва ду пул бо ташаббуси омӯзгорон Маҳмадназар Кабутов ва Алиакбар Маҳмадризоев идомаи мантиқии ин раванд маҳсуб мешавад.

Ин ҷаҳду талош аз он дарак медиҳад, ки рушду нумӯи кишвар ба ташаббускорӣ вобаста аст. Бинобар ин, бояд Ватанро дӯст дорему ба қадри озодиву истиқлолияти миллӣ расиданро ҳеҷ гоҳ фаромӯш накунем.

**Диловари МИРЗО,**
**«Садои мардум»**



# ЧАНД ДАЛЕЛЕ, КИ АНДЕШАРО ДАР МАВРИДИ ПИРОНСОЛӢ ДИГАР МЕКУНАД

**Сенатори Рим Марк Катон дар 80-солагӣ забони юнониро омӯхт. Суқрот дар 70-солагӣ ба навохтани созҳои мусиқӣ оғоз намуда, ин ҳунарро комилан аз худ кард. Микеланҷело асарҳои барҷастаи хешро дар 80-солагӣ офаридааст. Фоҷиаи машҳури худ «Фауст»-ро Ҳёте дар 80-солагӣ эҷод намуд. Муаррихи олмонӣ Леополд Ранке дар 91-солагӣ эҷоди асари «Таърихи ҷаҳон»-ро ба итмом расонд. Лев Толстой дар 82-солагӣ чунон моҳирона дарав мекард, ки ҷавонон бо ӯ баробар шуда наметавонистанд.**

Оҳангсоз ва дирижёр Игор Стравинский то 88-солагиаш асарҳои мусиқӣ эҷод кардааст. Шоир Беранже то 77, Виктор Гюго - 83, академик Иван Павлов - 87 ва драманависи Юнони қадим Софокл то 90-солагӣ эҷод намудаанд. Файласуфон Диоген ва Демокрит, рассомон Титсиан ва Микеланжело пас аз 80-солагӣ низ аз эҷод даст накашидаанд.

Олимони амрикоию аврупоӣ муайян намуданд, ки майнаи сари инсон на то 25-30, балки то 50-солагӣ ташаккул меёбад. Бар замми ин, агар шахс ба фаъолияти зеҳнӣ машғул бошад, мағзи сари ӯ ҳаргиз пир намешавад.

Тадқиқоти олимони ИМА муайян намуд, ки марҳилаи пурмаҳсултарини умри инсон аз 60 то 70-солагист. Давраи дуюм аз 70 то 80 ва давраи сеюм аз 50 то 60-солагӣ мебошад.

Синни миёнаи ҷоизадорони Нобел - 62, президентҳои ширкатҳои бузургтарини ҷаҳон - 63, пасторҳои 100 ибодатгоҳи бузургтарин - 71 ва папаҳои Рим 76 сол аст.

**Таҳияи Н. НИЗОМӢ,**
**«Садои мардум»**

**Агар ба таърихи рушди илм назар кунем, маълум мегардад, ки заминаи амаливу назариявии он дар Шарқ гузошта шудааст. Аз сабаби он ки дар Аврупо тафаккури илмӣ вобаста бо зарурати ҷомеа инкишоф ёфт ва саноат тараққӣ кард, бисёре аз кашфиёт татбиқ шуданду боз ба Шарқ баргаштанд. Аз ҷумла, олимони тоҷику форс Абуалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Закариёи Розӣ, Хоразмӣ, Насриддини Тусӣ ва дигарон бо донишу андешаи фарох дар рушди илми ҷаҳонӣ хидматҳои мондагор анҷом додаанд. Кашфиёте, ки ин олимон дар самтҳои гуногуни илм кардаанд, онҳоро зеҳнпарвари башарият муаррифӣ мекунад. Ба ин хотир, тасмим гирифтем, кашфиёти ин олимони шаҳирро пешкаши хонандагони рӯзнома намоем.**

# ДОНИШМАНДИ ЗЕҲНПАРВАРИ БАШАРИЯТ



**Аввалин матлаб хонандагони рӯзномаро ба кашфиёти Закариёи Розӣ ошно месозад.** Ӯ ҳамчун файласуф, табиб ва табиатшиноси барҷаста шуҳрати оламшумул дорад. Аз осори донишманди бузург маълум мегардад, ки дар самтҳои гуногуни илм (фалсафа, кимиё, тиб, илмҳои табиӣ, мантиқ, мусиқӣ, шеърият, ахлоқ) дастовардҳои зиёду камназир дорад. Вақте сухан дар бораи кимиё меравад, метавон гуфт ӯ аз нобиғагонест, ки ба илми мазкур асос гузоштааст. Кашфиёти ӯ кам нест, аммо муҳимтаринашон инҳоянд:

### АСОСГУЗОРИ ИЛМИ КИМИЁ

Дар он замон, бо назардошти он ки корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ағлаб дар озмоишгоҳҳо сурат мегирифтанд ва инфиҷору дудҳои ғализро боқӣ мегузоштанд, кимиёро ба сеҳру ҷоду мансуб медонистанд. Розӣ, ки ба ҳаёт назари олимона дошт, ба кимиё рӯ овард. Дар бораи чанд амалиёти кимиёвӣ, ки имрӯз ҳам маъруфанд, аз қабили катализатсия (маводе, ки суръати реаксияи кимиёвиро метезонад), дистилятсия (муқаттар, ҷудошавӣ, тақсимшавии мавод) Закариёи Розӣ дар китобҳояш нигоштааст. Донишманд моддаҳоеро, ки тавассути таҳқиқот ба даст овард, на танҳо барои истифода пешниҳод месозад, балки дар бораи ҳар кадоме дар алоҳидагӣ маълумоти муфассал медиҳад.

### ТРАНСПЛАНТАТСИЯ

Бисёриҳо мепиндоранд, ки трансплантатсия (иваз намудани узви инсон) кашфи аврупоиҳост. Аммо бори аввал чунин ҷарроҳиро олими бузурги Шарқ Закариёи Розӣ анҷом додааст. Чун дар асри XIII аврупоиҳо ба илми кимиё мароқи зиёд доштанд, китобҳои ӯро тарҷума намуда, аз трансплантатсия огоҳ шуданд.

### КЕТГУТ

Кетгут риштаест, ки дар тиб барои дӯхтан пас аз ҷарроҳӣ истифода мешавад. Барои ин амал табибон аз риштаҳои гуногун истифода менамоянд ва дар бисёр ҳолат баъд аз сиҳат шудани захм онҳоро аз бадани кас берун меоранд. Аммо навъи дигари ришта низ мавҷуд аст, ки он дар бунияи инсон таври табиӣ нест мешавад. Онро бори аввал мутафаккири бузурги тоҷик Закариёи Розӣ кашф намудааст.

Ӯ рӯдаи хушккардашудаи гӯсфандро ба таври махсус тобида, ҷойи ҷарроҳишударо медӯзад. Дар натиҷа, ин ришта дар организми инсон махлут мегардад. Ин таҷриба бо баъзе дигаргуниҳо дар тибби имрӯза низ васеъ истифода мешавад.

### ҲАБ

Закариёи Розиро асосгузори фармакология низ мегӯянд, зеро зиёновар ва муфид будани таркиби баъзе моддаҳои кимиёвиро бори аввал ӯ собит намуда, шакли давоии ҳаб (таблетка)-ро пешниҳод кард. Ӯ собит сохт, ки агар баъзе маҳлулҳои консентратсияшуда (омехта) ба организми инсон ворид шаванд, сабаби рафъи бемориҳо мегарданд.

### ГӮГИРД ВА СПИРТ

Ихтирои гӯгирдро ба химики фаронсавӣ Жан Шансе мансуб медонанд. Дар адабиёти илмӣ омада, ки бори аввал ӯ гӯгирдро соли 1805 кашф намудааст. Аммо сарчашмаҳои таърихӣ собит намудаанд, ки бори аввал фосфор (кибрит)–ро, ки ҳоло дар шакли гӯгирд истифода мебарем, Закариёи Розӣ кашф намудааст.

Спирт то замони Закариёи Розӣ на танҳо истифода намешуд, балки кашф нашуда буд. Дар баробари кашф Розӣ собит намуд, ки ин маҳлул қобилияти пурра пок намудани ҷароҳат ё ҷойи ҷарроҳиро дорад.

### ОЗМОИШГОҲ

Аввалин озмоишгоҳро Закариёи Розӣ бо устодаш Ибни Ҳайсам ташкил намуданд. Ӯ бори аввал муайян кард, ки дар озмоишгоҳи кимиёӣ чӣ гуна бояд фаъолият кард ва дар он чиҳо бояд мавҷуд бошанд. Асбоби озмоиширо дар шакли найчашиша (пробирка), колба, титр бори аввал ин пажӯҳишгари фарҳехтаи тоҷик истифода намуд.

### ДИАГНОСТИКА

Закариёи Розӣ аз аввалин табибонест, ки мушаххас намудани бемориро аз дигар бемориҳо (имрӯз онро диагностика меноманд) пешниҳод намудааст. Ба фаъолияти тиббии ӯ тарзи хобондани бемор ба рӯи мизи ҷарроҳӣ, усули чок кардан, тарзи безарар намудани ҷойи ҷарроҳиро низ вобаста менамоянд. Ӯ ҳатто баъзе асбобҳоро барои ҷарроҳӣ намудан худаш месохт. Асбобе, ки бо он имрӯз ҷои ҷарроҳиро медӯзанд, он низ кашфи Закариёст.

### БА ҚИСМҲО ҶУДО НАМУДАНИ ОРГАНИЗМ

Ин амалро дар илми тиб бори аввал Закариёи Розӣ анҷом додааст. Китобҳои «Тибби мансурӣ» ва «Ал - ҳовӣ»-ашро вобаста ба ҳар як узви инсон алоҳида тақсимбандӣ намуда, собит кардааст: ҳар узви инсонро бояд духтури алоҳида табобат кунад.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронда мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 419805 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктрансгаз» | Корҳои сохтмонию васлгарӣ дар қитъаҳои садамавии хати магистралии газгузар аз НГТ то МБГ1 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 19.02.2024 10:20:00 |
| 2 | 419801 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» | Таҷҳизоти техникӣ, компютерӣ, сервер, наворгирӣ, чопкунӣ ва акустикӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 26 | 19.02.2024 13:34:54 |
| 3 | 419806 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Маркази барқу гармидиҳии Душанбе» | Сохтмон, таъмир ва барқарорсозии манбаъҳои истеҳсоли гармӣ ва магистралӣ да ҳудуди ноҳияҳои шаҳри Душанбе | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 21.02.2024 10:30:00 |
| 4 | 419802 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Бензин, сӯзишвории дизелӣ ва гази моеъ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 28.02.2024 08:50:50 |
| 5 | 419803 | Муассисаи давлатии «Осорхонаи миллии Тоҷикистон» | Молҳои канселярӣ, хоҷагидорӣ, барқӣ, сантехникӣ, киоск ва таъмини барномавӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 45 | 28.02.2024 09:00:00 |
| 6 | 419807 | Мактаб - интернати миёнаи махсуси санъати ҷумҳуриявии ба номи Миратулло Атоев | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 28.02.2024 11:55:00 |
| 7 | 419809 | Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Тухми гулҳои мавсимӣ, нуриҳои минералӣ ва дигар маводи гуногуни ободонӣ барои Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 24 | 28.02.2024 14:05:05 |
| 8 | 419810 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар вилояти Суғд | Хӯроквории | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 18 | 28.02.2024 14:05:05 |
| 9 | 419811 | Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Бензин, сӯзишвории дизелӣ ва гази моеъ барои эҳтиёҷоти Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон ва бахши он дар ноҳияи Шаҳристон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 28.02.2024 14:05:05 |
| 10 | 419808 | Муассисаи давлатии «Телевизиони Душанбе» | Бензин ва сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 28.02.2024 14:10:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# REQUEST FOR EXPRESSIONS OF INTEREST (CONSULTING FIRMS)
# REPUBLIC OF TAJIKISTAN
# INTERNATIONAL FUND FOR AGRICULTURAL DEVELOPMENT
# «SCHOOL FEEDING SUPPORT PROJECT»

Assignment Title: Local NGO for trainings on hygiene and sanitation activities, and conducting exchange visit among targeted schools

Reference No.: #SFSP/TA/CQS-2024/01

The Republic of Tajikistan has received financing from the International Fund for Agricultural Development (IFAD) towards the cost of «School Feeding Support Project» Grant No.2000003772 and intends to apply part of the proceeds for the recruitment of consulting services.

The use of any IFAD financing shall be subject to IFAD's approval, pursuant to the terms and conditions of the financing agreement, as well as IFAD's rules, policies and procedures. IFAD and its officials, agents and employees shall be held harmless from and against all suits, proceedings, claims, demands, losses and liability of any kind or nature brought by any party in connection with «School Feeding Support Project.

This invitation for bids (IFB) follows the general procurement notice that appeared in IFAD website on May 11, 2022 and on the United Nations Development Business website (UNDB) on May 16, 2022.

The State enterprise «Project management unit «Livestock and Pasture Development» («the client») now invites eligible consulting firms («consultants») to indicate their interest in providing the services. Interested consultants should provide information demonstrating that they have the required qualifications and relevant experience to perform the services. Interested firms should fill the template for expressions of interest and submit found at the following link procurement.casp@mail.ru and send it to the address indicated below.

The attention of interested consultants is drawn to IFAD's Anti-Money Laundering and Countering the Financing of Terrorism Policy and the Revised IFAD Policy on Preventing Fraud and Corruption its Activities and Operations . The latter sets forth IFAD's provisions on prohibited practices. IFAD further strives to ensure a safe working environment free of harassment, including sexual harassment, and free of sexual exploitation and abuse (SEA) in its activities and operations as detailed in its IFAD Policy to Preventing and Responding to Sexual Harassment, Sexual Exploitation and Abuse.

The consultant shall not have any actual, potential or reasonably perceived conflict of interest. A consultant with an actual, potential or reasonably perceived conflict of interest shall be disqualified unless otherwise explicitly approved by the Fund. A consultant including their respective personnel and affiliates are considered to have a conflict of interest if they a) have a relationship that provides them with undue or undisclosed information about or influence over the selection process and the execution of the contract, b) participate in more than one EOI under this procurement action, c) have a business or family relationship with a member of the Purchaser's board of directors or its personnel, the Fund or its personnel, or any other individual that was, has been or might reasonably be directly or indirectly involved in any part of (i) the preparation of this REOI, (ii) the shortlisting or selection process for this procurement, or (iii) execution of the contract. The consultant has an ongoing obligation to disclose any situation of actual, potential or reasonably perceived conflict of interest during preparation of the EOI, the selection process or the contract execution. Failure to properly disclose any of said situations may lead to appropriate actions, including the disqualification of the consultant, the termination of the contract and any other as appropriate under the IFAD Policy on Preventing Fraud and Corruption in its Projects and Operations.

A consultant will be selected in accordance with the Consultant qualification selection (CQS) method set out in IFAD' project procurement handbook that can be accessed via the IFAD website at www.ifad.org/project-procurement.

**The shortlisting criteria are:**

• experiences in organizing and conducting training, not less than three years;

• the staff/trainers required to conduct the training must be complete. The NGO should keep in mind that the involvement of female facilitators may be required in some conservative areas.

• has necessary equipment, materials, and facilities needed to undertake assignment (e.g., suitable vehicles, portable power generator, camera, materials needed to undertake and record initial participatory analysis, feasibility analysis, implementation progress, monitoring and evaluation, etc.);

• not have difficulties and problems related to the performance of other works during the performing services;

• have the opportunity to work in the villages of the SFSP targeted districts.

(The criteria relate to required qualifications and experience of the firm, but not individual experts' bio data).

Consultants may associate with other firms in the form of a joint venture or a sub-consultancy to enhance their qualifications.

Any request for clarification on this REOI should be sent via e-mail to the address below 3rd floor, Room #5, 21 Tehron Str., Dushanbe, Republic of Tajikistan or in electronic form in MS Word or Adobe PDF format to the following email address: procurement.casp@mail.ru no later than February 14, 2024. The client will provide responses to all clarification requests by February 19, 2024.

Expressions of interest must be delivered in written form using the forms provided for this purpose. EOIs shall be submitted to the address below no later than February 21, 2024.

A consultant will be selected in accordance with the procedures set out in the IFAD's Procurement Guidelines (September 2010 edition): Selection Based on Consultant's Qualifications.

Attn: Mr. B. Mirzoalizoda – PMU Director and Mr. S. Sattorzoda – Procurement Consultant

Address: 3rd floor, Room #5, 21 Tehron Str., Dushanbe, Republic of Tajikistan, in electronic form in MS Word or Adobe PDF format to the following email address: procurement.casp@mail.ru, Tel: +992 900 00 47 11

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓Делои гумшудаи шахсии хонандаи синфи 9 Гимназияи тоҷикӣ-русии ба номи А.С.Пушкини ноҳияи Рӯдакӣ Ғоибова Фаришта Ховаровна эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшуда (РЯМ 2010005452), ки онро Нозироти андози ноҳияи Фархор 28 декабри соли 2004 ба Шарипов Тағаймурод додааст, эътибор надорад.

✓Патенти гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андози ноҳияи Сино ба Аъзамов Умронҷон Охонович (РМА 125448475) додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ 22-юми декабри соли 2021 таҳти № 21452 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки М.Турсунзода, деҳаи Истиқлол ба Абдуллоева Зарафшон Абдукаримовна додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи бинои истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чимтеппа, деҳаи Гулбутта ба Қаландарова Нигина додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТА №0855999, ки онро МТМУ №3-м ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ соли 2012 ба Шарифова Муаззама Дустовна додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти 1Ш-1424, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Шоҳмансур 14-уми августи соли 2021 бо суроғаи шаҳри Душанбе, маҳаллаи Ховарон 14-15, бинои 83, хонаи 1 ба Шарипов Умедҷон Эмомалиевич додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи 9-уми кӯчаи 40-солагии Тоҷикистон (ҳоло кӯчаи Қаҳҳоров), хонаи 43 ба Диловарова Назармоҳ Вазировна (РМА 127277679) додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи гумшудаи силсилаи ДМБ № 0103321, ки онро Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат соли 2018 ба Наимбоев Пайрав Наимҷонович додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи гумшудаи силсилаи ДТО №0061693, ки онро Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат соли 2010 ба Наимбоев Парвиз Наимҷонович додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши квартира, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 1-уми марти соли 2006 таҳти феҳрасти 1Ш-210 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Софья Ковалевская, бинои 2/2, хонаи 12 ба Холов Балаҷон Давлатович додааст, эътибор надорад.

✓Билети ҳарбии гумшудаи силсилаи ҶТ №692173, ки онро Комиссариати ҳарбии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 8-уми январи соли 2014 ба Шарипов Дилшод Асроридинович додааст, эътибор надорад.

✓Билети ҳарбии гумшудаи силсилаи НС №5905650, ки онро Комиссариати ҳарбии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 19-уми августи соли 1995 ба Ҳуснидинов Насридин Ҳамнидинович додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати гумшудаи силсилаи БП №928870, ки онро МТМУ №203 (ҳоло Литсейи давлатӣ)-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 1983 ба Қурбонов Маҳмадризо Зиёевич (РМА 155071525) додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андози шаҳри Истаравшан ба Ҳамидов Хушдил Алиҷонович (РМА 036025161) додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи ронандагии гумшудаи силсилаи АА №1016971, ки онро ШБИ РБДА ВКД ҶТ 1-уми феврали соли 2021 ба Наботов Саидаъзам Саидмуҳамадович додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи бинои истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ломоносов, бинои 464/1, хонаи 27 ба Балкина Нина Анатольевна додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши квартира, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 3-юми июни соли 2013 таҳти феҳрасти 8Ш-2809 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ломоносов, бинои 464/1, хонаи 27 ба Шарипов Абдумалик додааст, эътибор надорад.

✓Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Зарифов Файзалӣ (РМА 045748623, РЯМ 0430048739) додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшудаи №499, ки онро Таваллудхонаи вилоятии шаҳри Хуҷанд 25-уми июли соли 1993 ба Нусратова Светлана Артуковна додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи бинои истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе, бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Машъал, хонаи 14 ба Зияева Бибираҳмона додааст, эътибор надорад.

✓Иқтибоси гумшудаи силсилаи №0089021, ки онро Хадамоти давлатии ташхисию табобат 16-уми майи соли 2012 ба Насриддинов Умедҷон Зарипович, санаи таваллудаш-14-уми январи соли 1982, сокини ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Гулистон, деҳаи Муғулон додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонӣ соли 2017 ба Гулов Лангарӣ Мисралиевич (РМА 215616002) додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи гумшудаи силсилаи ДМБ № 0206158 таҳти қайди 2110, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2021 ба Ҳомидов Далерҷон Абдувоҳидович додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ соли 2021 ба Касиров Шарифхон Забирович (РМА 125627975, РЯМ 1230214022) додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши ҳиссаи квартира, ки онро Саридораи нотариалии давлатии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 5-уми марти соли 2022 таҳти феҳрасти №1/9Н/2022-2-1767 бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи дуюми кӯчаи Ғафуров, бинои 7, хонаи 34 ба Мирзоев Искандар Сунатович додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓Шарипов Одилҷон Абдусамадович, ки дорои Шаҳодатномаи умумӣ бо РЯМ 0930143235 мебошад ва онро Нозироти андози шаҳри Ҳисор додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

✓ҶДММ «Қаҳвахонаи Умедҷон» (РМА 010106490, РЯМ 0110029994), ки 14-уми феврали соли 2023 дар Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓Кооперативи тиҷоратии «Истиқбол-Т» (бо РЯМ 2010005452) воқеъ дар ноҳияи Фархор, барҳам мехӯрад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ҶДММ «Идея» (РМА 010090595, РЯМ 0110016033), ки 7-уми феврали соли 2013 дар Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Конституция - кафолати рушди ҷомеаи давлатсозӣ ва волоияти қонун

Садои мардум

**Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**САРМУҲАРРИР**
Бахтовар КАРИМЗОДА

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

**ИНДЕКСИ ОБУНА 68852**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; хабарнигорон дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69; вилояти Хатлон 919- 67- 88- 78, 985- 82- 81- 97; вилояти Суғд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, 93- 535- 06- 66; ШНТҶ - 000- 03- 03- 80, 918- 68- 40- 17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пасгардонида намешавад.

*Ба чопаш 9 феврали соли 2024, соати 13:45 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35070 нусха*

Навбатдори шумора Ш. Ҳусейнзода

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97